

Муҳамадкулова Маряма Муҳиддиновна, аввалин бонуи тоҷикест, ки ба касби хеле душвор ва айни замон ниҳоят заруру пурифтихор – ҷарроҳӣ дилбастагӣ пайдо кардааст. Ӯ дастпарвари донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино мебошад. Мавсуф орзуи олим шуданро аз хурдӣ дар дил мепарварид. Ва маҳз ҳамин нияти соф буд, ки дар ҷодаи илм ба қуллаҳои баланд расид. Соли 1963 баъди хатми ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино таи ду сол дар кафедраи ҷарроҳии госпиталӣ ба ҳайси духтури ординатор ифои вазифа намуд. Баъдан бо мақсади идомаи таҳсил ба аспирантураи кафедраи ҷарроҳии донишгоҳи мазкур дохил шуд. Ҷустуҷӯю тадқиқотҳои ӯ барабас нарафтанд. Соли 1969 дар мавзӯи «Заҳри мори гурза (гурзатоксин) чун давои гемостазӣ ҳангоми ҷарроҳии тармимии пӯст» бо муваффақият рисолаи номзадии илмро дифоъ намуд. Дар ин ҷода ба олими

ҷавон устодони сахтгиру ғамхор Н. З. Монаков, К. Т. Тоҷиев, Ю. Б. Исҳоқӣ ва З. П. Хоҷаев кўмаку ёрии худро дареғ надоштанд.

Маряма Муҳиддиновна солҳои 1970-1991 ассистент ва сипас дотсенти кафедраи амалияи ҷарроҳӣ ва анатомияи топографии ДДТТ буд. Кордонӣ ва меҳнатдўстии ўро ба назар гирифта, соли 1992 вазифаи мудири кафедраи мазкурро ба ўҳдааш гузоштанд. Кори кафедра дар як муддати кўтоҳ хеле пеш рафт, дастурамалу тавсияномаҳои зиёд ба табъ расиданд, ҷараёни таълим сифати тоза касб кард. Дар баробари кори омўзгорӣ олими ҷавон аз паи ҷустуҷўҳои илмӣ буд, бедорхобиҳо мекашид, зарра-зарра дониш меандўхт. Ва ин ҳама, оқибат самараи ширин ба бор овард, соли 1993 рисолаи доктори илмро ҳимоя намуд. Ин дафъа дастгиру мададгори ў олими намоёни рус, академик, мудири кафедраи амалияи ҷарроҳӣ ва анатомияи топографии Институти тиббии якуми АИТ Россия В.В.Кованов гашт. Соли 1994 ба доктори илмҳои тибб М.М.Маҳаммадкулова унвони профессорӣ дода шуд.

Муҳаммадкулова М.М. олими нуктасанҷ, пурмаҳсул ва нисбати кор хеле сахтгир мебошад. Дар тўли фаъолияти илмию омўзгории дар бисёр конфронсу семинарҳои байналмилалӣ ширкат варзидааст. Маърўзаҳои пурмўҳтавои ўро табибони ҷарроҳ аз минбарҳои конфронсҳои илмӣ дар Олмон, Булғория, Англия, Россия, шаҳрҳои Москва, Санкт-Петербург, Олмаато, Тошкент шунидаанд.

Доктори илмҳои тиб, профессор Муҳаммадкулова М.М. устоди соҳибтаҷриба аст. Имрўз шогирдони ў дар тамоми гўшаю канорҳои ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар кору фаъолият менамоянд. Се нафар аз шогирдони муаллима номзади илмҳои тиб буда, феълан аз паи дифои рисолаи докторӣ мебошанд.

Маряма Муҳиддиновна дар корҳои ҷамъиятии донишгоҳ фаъолона ширкат меварзад. Ў узви Шўрои илмӣ,

узви ҳайати таҳририяи газетаи «Ворисони Сино», узви Шӯрои диссертатсионии донишгоҳ аст.

Доктори илмҳои тиб, Муҳаммадкулова М.М. муаллифи 240 таълифоти илмӣ, тавсияҳои методӣ, аз ҷумла 7 монография, 25 тавсиянома, 18 таклифи навоварӣ мебошад. Хидматҳои содиқонаи ӯ бо унвони Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қадр карда шудааст.